# «ДАР БОРАИ ҶАМЪБАСТИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ОМОР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2016 ВА ВАЗИФАҲОИ БАРОИ СОЛИ 2017»

Мақомоти омори Ҷумҳурии Тоҷикистон Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 январи соли 2016, фармонҳо, супоришҳо, дастурҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои омор ва барномаву нақшаҳои иҷтимоию иқтисодиро ба роҳбарӣ гирифта, дар соли 2016-ум 103 Қарору 482 супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1330 мактуб аз вазорату идораҳо ворид шуданд, ки сари вақт иҷро ва мувофиқи дархостҳо ҷавобҳо фиристода шуданд.

Инчунин аз ҷониби Агентии омор ба бандҳои дахлдори қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2015 ва вазифаҳо барои соли 2016", "Дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2016", "Дар бораи баргузор намудани ҷашни 20- солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ", "Дар бораи таҷлили 25 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба такмили баҳисобгирии оморӣ барои солҳои 2016-2021", "Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2016" ва "Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисодиёти миллӣ" нақша чорабиниҳои соҳавӣ таҳия ва тасдиқ гардида, иҷрои корҳо дар мӯҳлатҳои пешбинигардида саривақт таъмин карда шуд.

Барномаи тасдиқкардаи Ҳукумати Ҷумҳуриии Тоҷикистон "Дар бораи корҳои оморӣ дар соли 2016" ва вазифаҳои дар наздаш гузошташударо мақомоти омор пурра иҷро кард. Ҳамагӣ 9,6 ҳазор корҳои оморӣ иҷро карда шуданд. Ғайр аз ин, дар соли 2016 ҷиҳати ҷамъоварии маълумотҳои оморӣ аз фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ, шахсони воқеӣ ва хоҷагиҳои аҳолӣ як қатор таҳқиқотҳои интихобӣ аз ҷумла: таҳқиқотҳои "шахсони воқеӣ, истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатӣ", "фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ", "саршумори чорво ва истеҳсоли маҳсулоти чорвопарварӣ дар хоҷагиҳои аҳолӣ", "заминҳои кишти зироатҳои кишоварзӣ дар хоҷагиҳои аҳолӣ", "ҷамъоварии ҳосили кишти зироатҳои кишоварзӣ дар хоҷагиҳои аҳолӣ", "андозаи ниҳоӣ заминҳои кишти зироатҳои

кишоварзӣ дар хоҷагиҳои аҳолӣ, ҷамъоварии умумии ҳосил ва ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ дар хоҷагиҳои аҳолӣ”, “соҳибкорони инфиродии ба фаъолияти боркашонӣ ва мусофирбарии тиҷоратӣ машғулбуда”, “хароҷоти донишҷӯёни мактабҳои олӣ, омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ, донишкадаҳои миёнаи касбии ҷумҳурӣ барои хизматрасонии соҳаи маориф”, “хароҷоти аҳолӣ барои хизматрасониҳои пулакӣ”, “бозори молҳои ашё, омехта ва озуқаворӣ”, “бозорҳои фурӯши чорво ва автомобил, нуқтаҳои фуруши маводи сӯзишвории мошинҳо ва маводи сӯхту равғанҳои молиданӣ, мағозаҳо, қаҳвахонаҳо, тарабхонаҳо, ошхонаҳо, дорухонаҳо аз рӯи ҳамаи шаклҳои моликият”, нархи фурӯши маҳсулотҳо дар бозорҳо”, “таҳқиқоти буҷети хоҷагии хонаводагӣ” ва барӯйхатгирии саршумори чорво дар мухлатҳои пешбининамудаи Барномаи корҳои оморӣ дар соли 2016 гузаронида шуд.

Лозим бақайд аст, ки дар мувофиқа бо Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳқиқоти соҳаи саноат моҳи майи соли 2016, баҳисобгирии духти либоси мактабӣ аз руи намудҳои алоҳида ба роҳ монда шуд.

Илова ба ин, дар давраи сипаригардида таҳқиқотҳои яквақтаинаи оморӣ, аз ҷумла дар доираи Лоиҳаи “Татбиқи Стратегияи Миллии рушди омор”, барои солҳои 2015-2018 бо дастгирии Бонки Ҷаҳонӣ ва кӯмакҳои машваратии Ташкилоти Байналмиллалии Меҳнат дар давоми солҳои 2015-2016 таҳқиқоти “Қувваҳои корӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 20 июл то 20 августи соли 2016 корҳои саҳроии пурсиши хонаводаҳо гузаронида шуда натиҷаи ниҳоӣ дар марҳилаи коркард ва ҷамъбаст қарор дорад. Ҳамзамон дар доираи Лоиҳаи мазкур, таҳқиқоти “Истифодабарандагони об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” гузаронида шуд, ки корҳои саҳроӣ аз 14 ноябри соли 2016 оғоз гардида то 8 декабри соли 2016 ба анҷом расонида шуд. Инчунин бо дастгирии молиявии Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ барои мамлакатҳои Осиё ва уқёнуси Ороми Созмони Милали Муттаҳид (ESCAP)» таҳқиқоти яквақтаинаи «Маржаи савдо» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд, ки корҳои саҳроӣ аз 1 ноябри соли 2016 оғоз гардида 25 ноябр ба анҷом расонида шуда, натиҷаи ниҳоӣ дар марҳилаи коркард қарор дорад.

Ҷиҳати иҷрои татбиқи Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020 Барнома ва “Нақша чорабиниҳои Барномаи зиддикорупсионии Агентии омори назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020” ба тасвиб расидааст, ки Агентии омор вобаста ба иҷрои бандҳои Нақша - чорабинии татбиқи Стратегияи мазкур барои соли 2015 ҳисоботи ҷамъбастии соҳавиро саривақт омода намуда, ба Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Қоҳир Расулзода ва Агентии назорати молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намуд, ҳисоботҳои соли 2016 дар моҳи январи соли 2017 ҷамъбаст карда мешавад.

Ҷиҳати иҷрои Нақшаи чорабиниҳо оид ба такмили баҳисобгирии оморӣ барои солҳои 2016-2021, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 октябри соли 2015, №614 тасдиқ шудааст дар давраи сипаригардидаи соли 2016 иҷрои як қатор корҳо таъмин гардид.

Бо мақсади гузариш ба ҳисоботи электронӣ аз ҳисоби Лоиҳаи “Татбиқи Стратегияи миллии рушди омор” аз моҳи августи соли 2015 сар карда, иқтидори серверҳои Агентӣ дар маҷмӯъ 7 адад пурзур карда шуданд. Айни замон интиқоли ду сервери муосир ва дастгоҳҳои ҳамроҳикунандаи онҳо дар марҳилаи насб ва мавриди истифодабарӣ қарор дорад. Вобаста ба таъсиси системаи ягонаи қабули ҳисоботи электронӣ дар серверҳо ҷиҳати гузариш ба ҳисоби электронӣ ҷамъоварии маълумотҳои шакли 1 –меҳнат (моҳона) дар шаҳри Душанбе 98,2 фоизи корхонаву ташкилотҳо ҳисоботи мазкурро пешниҳод намуда истодаанд. Аз моҳи апрели соли ҷорӣ пешниҳоди ҳисоботи электронӣ аз рӯи шакли 1-меҳнат (семоҳа) «Оиди ҳаракати қувваҳои корӣ ва ҷойҳои корӣ» ба роҳ монда шуд.

Қайд намудан зарур аст, ки аз моҳи сентябри соли 2016 инҷониб пешниҳоди ҳисоботи электронии 1-меҳнат (моҳона), 1 меҳнат (семоҳа) ва 1- саноат (моҳона) дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва марказҳои вилоятҳои Суғду Хатлон низ ҷорӣ карда шуд.

Аз ҳисоби Лоиҳаи “Татбиқи Стратегияи миллии рушди омор” дар моҳҳои апрел ва ноябри соли 2016 дар Агентии омор намоиши гузариш ба ҳисоботи моҳонаи электронии омори саноат барои масъулини корхонаву ташкилотҳои саноатии шаҳри Душанбе барпо гардид. Илова ба ин, баргузории намоиш барои гузариш ба пешниҳоди ҳисоботҳои электронии оморӣ дар Сарраёсати омори вилоятҳои Суғд, Хатлон ва ноҳияҳои тобеи марказ низ гузаронида шуда истодааст.

Лозим ба қайд аст, ки дар доираи Лоиҳаи “Татбиқи Стратегияи миллии рушди омор”, кашидани хати нурӣ дар Сарраёсатҳои Агентӣ дар маркази ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва НТҶ, инчунин насби модемҳои ADSL дар шаҳру ноҳияҳо ба анҷом расонида шуда,

қабули ҳисоботи электронии музди меҳнат ва соҳаи саноат дар тамоми ҷумҳурӣ бо усули электронӣ ба роҳ монда шуда истодааст.

Тибқи нақшаи корӣ дар соли 2017 ҳисоботҳои омории соҳаҳои савдо, хизматрасонӣ ва сохтмон низ бо усули электронӣ ба роҳ монда мешаванд.

Доир ба иҷрои Нақшаи чорабиниҳо бо супориши Директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон насби шабакаи дохилӣ дар дастгоҳи марказӣ, Сарраёсати Агентии омор дар шаҳри Душанбе, вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои вилоят, вилояти Хатлон ва қисмати бештари шаҳру ноҳияҳои вилоят ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ пурра ба анҷом расонида шуд. Илова ба ин насби шабакаи дохилии мақомоти омор ба шабакаи Тоҷнет дар навбати аввал дастгоҳи марказии Агентӣ ва шаҳри Душанбе, ВМКБ, вилоятҳои Суғд, Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ амалӣ карда шуданд.

Инчунин вобаста ба иҷрои нақшаи мазкур бо мақсади кам кардани сарборӣ ба ҳисоботсупорандагон, шаклҳои ҳисоботи омории солонаи 3- савдо тандурустӣ, 3- савдо нақлиёт, 3- савдо масолеҳи сохтмонӣ, 3- савдо китоб ва 1- сайёҳӣ барҳам дода шуданд. Ҳамзамон ҷиҳати содда намудани ҳисоботи шакли 1- нақлиёт роҳ (солона) ба ҳисоботи мазкур ва дастурамалаш тағйиру иловаҳо ворид карда шуд.

Дар самти таъсиси системаи ягонаи коркарди ҳисоботҳои оморӣ дар ҷумҳурӣ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо то ба имрӯз барномаҳои коркарди марказонидашудаи шаклҳои ҳисоботии “11-ВА”, “1-ФИ (ҶЗХ)”, “1-Нақлиёт”, “1-Сармоя”, “1-АИХ”, “8-АИХ хизматрасонӣ”, “1-Асъор” тартиб дода шудааст.

Бо мақсади коҳиш додани иқтисодиёти мушоҳиданашаванда ва ҳамоҳангии устувории вазорату идораҳои давлатӣ бо супориши Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон гуруҳи кории байниидоравӣ ва зергурруҳҳои корӣ таъсис дода шудааст, ки пайваста ҷаласаҳои кории гуруҳҳои корӣ ва зергурруҳҳои корӣ баргузор гардида, масъалаву мушкилотҳои ҷойдошта ҳаллу фасл карда мешаванд.

Аз ҷумла дар соҳаи саноат ҷиҳати бо пуррагӣ ба ҳисоботҳои оморӣ фаро гирифтани истеҳсоли маҳсулотҳои саноатӣ аз қабили либосҳои мактабӣ бо воситаи гуруҳи кории байниидоравӣ корҳо амалӣ гардид. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аз ҳаҷми умумии либосҳои мактабии духташуда, зиёда аз панҷоҳ фисад ба соҳибкорони инфиродӣ тааллуқ дорад ва дар ин самти баҳисобгирӣ аҳамияти ҷиддӣ зоҳир карда мешавад. Ҷиҳати беҳтар намудани сифати саволномаҳо оид ба саноат ва методологияи пур кардани

онҳо дар таҳқиқоти соҳибкороне, ки бо патент ва шаҳодатнома ба истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ машғуланд, 12 - номгӯи нави маҳсулотҳои саноатӣ илова карда шуд.

Бо дарназардошти муҳим будани соҳаи кишоварзӣ, диққати махсус дар масъалаи аниқ намудани майдони кишти зироатҳо, аз ҷумла пахта ва картошка дода шуд.

Дар робита ба масъалаи мазкур гурӯҳҳои корӣ аз ҳисоби мутахассисони мақомоти заминсозӣ, кишоварзӣ ва омор дар Кумитаи давлатии идораи замин таъсис дода шуда, оид ба рафти кишти пахта ва ченаки он маълумотномаи ҳарруза омода шудааст. Ҳамзамон баъди ба анҷом расидани мавсими кишт ченаки назоратӣ гузаронида шуда, майдони ҳақиқии кишти пахта аниқ карда шудааст.

Илова ба ин, дар якҷоягӣ бо Вазоратҳои кишоварзӣ, саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо ва молия, Кумитаи андоз ва Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо "Тартиби ташкили қабул, захира ва баҳисобгирии омории истеҳсол ва фурӯши пахта дар субъектҳои пахтакоре, ки вазифаи истеҳсол ва захираи пахтаро дар субъектҳои худ мегузаронанд" таҳия ва ба тасвиб расид.

Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қоидаҳои баҳисобгирии ҷойҳои кории мавҷуда, барқароршуда ва нав дар соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби шахсони воқеӣ таъсис дода мешавад», шакли ҳисоботи омории «№1-меҳнат (семоҳа) шахсони воқеӣ» бо Фармоиши Директори Агентии омор аз 26 феврали соли 2016, №3 тасдиқ ва аз ҳисоботи семоҳаи якуми соли 2016 ҷорӣ карда шуд.

Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои сархати 3 банди 1 -и Протоколи ҷаласаи Комиссияи доимамалкунанда оид ба тақвияти истеҳсолоти воридотивазкунанда ва рушди содирот аз 16 феврали соли 2016 ҳисоботи омории байниидоравии шакли №1- Хариди давлатии мол «Ҳисобот дар бораи хариди давлатии молу маҳсулот ва таҷҳизот» бо дастурамалаш таҳия намуда бо Фармоиши Директори Агентӣ аз 20 майи соли 2016 ба тасвиб расонид, барои корбарӣ ба Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намуд.

Бо мақсади рушди истеҳсолоти воридотивазкунанда тавассути таъмин намудани мавқеи устувор барои маҳсулоти ватанӣ, дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи иқтидорҳои мавҷудаи истеҳсолии кишвар, Агентӣ мунтазам маълумотҳои оморӣ оид ба истеҳсол, истеъмол, воридот ва содироти 20 номгӯи асосӣ (топ 20)-ро омода намуда,

барои таҳлил ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуда истодааст.

Ғайр аз ин, ҳайати кории Шӯрои методологии Агентӣ дар давраи сипаригардидаи соли 2016 тасдиқ намудани ҳисоботи омории байниидоравии шакли №4-ҚС (Қушунҳои сарҳадӣ) (семоҳа) «Ҳисобот дар бораи шумораи шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои саёҳат ворид гардидаанд, шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои саёҳат ба мамлакатҳои хориҷӣ сафар кардаанд» бо назардошти тағйиру иловаҳои воридкардашуда; варақаҳои протокол ва қарор дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ҳамчун варақаҳои ҳисоботашон қатъӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ; китобҳои шакли №1 «Сабти таваллуд» ва шакли №2 «Сабти вафот» дар ҷамоатҳои деҳот; шакли ҳисоботи омории №1- ВМК «Ҳисобот оид ба воридоти маҳсулоти кишоварзӣ бе миёнаравҳо аз дарвозаҳои шаҳри Душанбе» (ҳаррӯза); баррасии масъалаи барҳам додани ҳисоботҳои омории шакли №3 – савдо (нақлиёт) «Ҳисобот оиди фурӯш ва бақияи маҳсулотҳои чӯбу тахта ва маводи сохтмон дар шабакаҳои савдои чакана» (солона), шакли №3-савдо (китоб) «Ҳисобот дар бораи мадохилот, фурӯш ва бақияи молҳо» (солона), шакли №3-савдо (тандурустӣ) «Ҳисобот дар бораи мадохилот, фурӯш ва бақияи молҳо дар муассисаҳои савдои чакана ва анборҳо» (солона) ва шакли №1 саёҳат (солона) «Маълумот дар бораи фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ»; тағйиру иловаҳои воридгардида ба шаклҳои ҳисоботи байниидоравӣ (13-номгӯй) ва дастурамал оид ба пур намудани шаклҳои ҳисоботӣ дар соҳаи алоқаи барқӣ аз Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; тағйиру иловаҳои воридгардида ба ҳисоботи омории шакли №1-нақлиёт (роҳ) «Ҳисобот дар бораи нақлиёти автомобилӣ» ва дастурамали пуркунии он; тасдиқ намудани саволномаи таҳқиқоти яквақтаина «Дар бораи Маржаи савдо дар соли 2016» ва дастурамали пуркунии он; ҳисоботи омории байниидоравии шакли №2-нархи фурӯши масолеҳи сохтмонӣ «Ҳисобот дар бораи нархи фурӯши масолеҳи сохтмонӣ, маснуот ва конструксияҳо аз ҷониби истеҳсолкунандагони ватанӣ ва ширкатҳои молворидкунанда (молрасон); тасдиқ намудани Таснифоти умумии секторҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон; методологияи «Тартиби ташкили қабул, захира ва баҳисобгирии омории пахта дар хоҷагиҳои пахтакоре, ки захираи пахтаро дар хоҷагиҳои худ мегузаронанд ва тасдиқ намудани тағйиру иловаҳо ба шаклҳои нави омори Судӣ (15-номгӯй) ва дастурамал оид ба пур намудани шаклҳои ҳисоботи дар соҳаи омори Судӣ.

Ба таври мунтазам таҳия намудани маълумоти фаврӣ дар бораи нархҳои маҳсулотҳои асосии истеъмолӣ дар бозорҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ (нархҳои молҳои асосӣ дар 21 шаҳру ноҳияҳо- Душанбе, Турсунзода, Ҳисор, Рашт, Ваҳдат, Хуҷанд, Исфара, Истаравшан, Конибодом, Панҷакент, Б.Ғафуров, Қурғонтеппа, Кӯлоб, Панҷ, Шаҳритус, Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, Данғара, Ҷ.Румӣ, Восеъ, Ёвон ва шаҳри Хоруғ (ҳар ҳафтаина – рӯзи душанбе ва аз моҳи феврал ду маротиба дар ҳафта (рӯзҳои душанбе ва ҷумъа).

То 1-уми декабри соли 2016 шумораи субъектҳои бақайдгирифташуда 483,7 ҳазор ададро ташкил намуд, аз он ҷумла дар «Равзанаи ягона» 478,9 ҳазор ададро ташкил кард, ки аз онҳо 440,3 ҳазор адад ҳамчун соҳибкори инфиродӣ бақайд гирифта шуданд. Дар ҳамин давра (аз 1 июни соли 2009 то 1 декабри соли 2016) 190,6 ҳазор субъекти хоҷагидор барҳам дода шуд, ки аз онҳо 183,7 ҳазор адад соҳибкорони инфиродӣ мебошанд. Айни замон 293,1 ҳазор субъекти хоҷагидори фаъолияткунанда, аз он ҷумла дар «Равзанаи ягона» 288,3 ҳазор адад бақайд гирифта шудааст. Аз шумораи умумии фаъолияткунандагон 31,2 ҳазор шахсони ҳуқуқӣ, 378 филиал – намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ва 256,7 ҳазор адад соҳибкорони инфиродӣ мебошанд.

Дар ин давра ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 98 гузоришҳои иқтисодӣ аз ҷумла гузориш «Дар бораи вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки дар асоси таснифоти намудҳои фаъолияти иқтисодӣ мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалии таснифот таҳия шудааст, пешниҳод карда шуд.

Дар соли 2016 -ум 38 маҷмӯа, 114 маълумот, 120 иттилооти фаврӣ, 221 буллетен тайёр карда шуданд.

Дар баробари ин “Дар бораи вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар семоҳаи якум, нимсолаи якум ва нуҳ моҳи соли 2016” ба Агентии миллии иттилооти Тоҷикистон “Ховар” барои нашр гузориши мухтасар пешниҳод карда шуд.

Қайд кардан лозим аст, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дастрас намудани иттилоот оиди фаъолияти мақомоти омор, дар охири соли 2015 маҷаллаи илмӣ – иттилоотии «Ҳарфи омор»-ро таъсис дод, ки дар нашрияҳои ҳармоҳаи маҷалаи мазкур таҳлили вазъи кунунии соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодии ҷумҳурӣ ва минтақаҳо, усулҳои ҷамъоварии маълумотҳои омории соҳаҳо, методологияи ҷамъоварии маълумотҳои оморӣ, дастурамали пур кардани шаклҳои ҳисоботҳои омории соҳавӣ ва муҳлатҳои пешниҳоди ҳисоботҳои оморӣ инчунин вобаста ба

навигариҳо дар мақомоти омор ва баргузории ҷаласаву вохӯриҳои мақомоти омор маълумотҳои муфассал нашр карда мешавад.

Агентии омор дар моҳҳои март ва октябри соли 2016 бо иштироки роҳбарияти Агентӣ ва Маркази кулли ҳисоббарорӣ, намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ, намояндагони Вазорату идораҳо, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, коллеҷи омори шаҳри Ваҳдат, коллеҷи кӯҳии ба номи С. Юсупова, сардорони Раёсату шуъбаҳои соҳавии дастгоҳи марказии Агентии омор ва кормандони Лоиҳа «Стратегияи миллии рушди омор» мулоқоти донорҳоро баргузор намуд.

Дар ин мулоқот масъалаҳои татбиқи Стратегияи Миллии рушди омор Лоиҳаи ECASTAT барои соли 2015 ва 9 моҳи соли 2016 ва ғайраҳо мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор гирифтанд.

Лозим ба қайд аст, ки дар доираи Лоиҳаи «Татбиқи Стратегияи миллии рушди омор» моҳи ноябри соли 2016 ба Коллеҷи омори шаҳри Ваҳдат, Коллеҷи кӯҳии шаҳри Душанбе ва ба кафедраи омори факултаи баҳисобгирии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 10 ададӣ компютер ва 1 ададӣ принтери бисёрамалиёта ва ба МД «Институти илмӣ-тадқиқотии гидротехника ва мелиоратсия»-и Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 адад компютер харидорӣ карда шуд.

Инчунин дар доираи Лоиҳаи “Татбиқи Стратегияи Миллии рушди омор” бо назардошти дар фаслҳои тирамоҳу зимистон дар ноҳияҳои кӯҳистон пайдо гардидани мушкилот дар самти норасоии нерӯи барқ бо дархости мақомоти оморӣ маҳаллӣ 10 - адад ноутбук, 24 - адад компютер, 13 - адад принтер харидорӣ гардида, ба мақомоти омори маҳаллӣ аз рӯи дархост таъмин гардида истодааст.

Илова ба ин, барои саривақт ва босифат нашр намудани шаклҳои ҳисоботҳои оморӣ ва буллетену маҷмӯаҳои оморӣ дар доираи лоиҳаи мазкур 5 адад ризограф, 5 - адад дастгоҳи нусхабардории шакли А3, 2 - адад дастгоҳи қоғазбӯрӣ ва 5 - адад принтерҳои ранга харидорӣ гардида, дар дастгоҳи марказии Агентӣ ва Сарраёсатҳои Агентии омор дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе мавриди истифода қарор дода шуд.

Лоиҳаи «Стратегияи миллии рушди омор», ки аз ҳисоби гранти ЕКАСТАТ - ЕҒ 017852 Бонки умумиҷаҳонӣ маблағгузорӣ мешавад, барои расонидани хизмати мушовирӣ ширкати DevStat бо гузаронидани озмуни кушоди байналмилалӣ ҷалб гардидааст ва айни замон барои давраи аз моҳи октябри соли 2016 то моҳи июни соли 2018 нақшаи кории Лоиҳаи «Татбиқи Стратегияи миллии рушди омор» дар марҳилаи баррасӣ ва тасдиқ намудан қарор дорад.

Бояд қайд намуд, ки лоиҳаи нақшаи кории Лоиҳаи «Татбиқи Стратегияи миллии рушди омор» барои давраи дар боло зикргардида моҳи ноябри соли ҷорӣ дар шаҳри Валенсияи Испания бо иштироки мутахассисони гурӯҳи татбиқи Лоиҳа ва намояндаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар соли 2016 ҳамкории самаранок ва мубодилаи мутақобилаи иттилоот бо Хадамоти омори мамлакатҳои ИДМ, бо Кумитаи омори ИДМ мунтазам ба амал бароварда шуд. Ба Кумитаи омори ИДМ дар давраи ҳисобот 315 кори оморӣ фиристода шуд.

Барои иҷрои корҳои омодагӣ барои тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2020 созишнома бо Хазинаи нуфуси СММ ба тасвиб расид. Намунаи саволҳои барӯйхатгирӣ мутобиқи тавсияҳои созмонҳои байналмилалӣ низ омода гардид. Пешниҳод дар бораи минтақае, ки дар он соли 2018 баруйхатгирии санҷишии аҳолӣ ва фонди манзил гузаронида мешавад, таҳия гардида, лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон омода карда шуд. Дар асоси хароҷотҳои ҳақиқии баруйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2010, буҷети пешакӣ барои солҳои 2017-2023 низ омода карда шуд.

Дар доираи лоиҳаи Хазинаи нуфуси СММ барои мутахассисони соҳаи демографияи Сарраёсатҳои омори вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва раёсати омори демографӣ, шуғли аҳолӣ ва иҷтимоӣ бо иштироки мутахассисони Маркази омори тиббии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ семинари омузишӣ оиди тартиби рамзгузории сабабҳои фавт аз рӯи Таснифоти Байналмилалии Бемориҳо тафсири 10 гузаронида шуд. Мақсади асосии семинари омӯзишӣ ин баланд бардоштани иқтидори кормандони мақомоти омори маҳал ва раёсат дар самти дуруст рамзгузорӣ намудани сабабҳои фавт ва баррасии мушкилиҳои дар ин самт ҷой дошта бо мутахассисони Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ буд. Барномаи иловагии коркарди санадҳои фавт ба барномаи асосии ҳаракати табиии аҳолӣ илова карда шуд, таснифоти байналмилалии бемориҳо-10 барои рамзгузории автоматикии сабабҳои фавт дар шакли калидҳои гузариш ба барнома ворид карда шуд, натиҷаҳои соли ҳисоботии 2015 оиди сабабҳои фавти аҳолӣ аз руи ҳамин барнома коркард шуданд. Бо мақсади таъмини пуррагии ба қайдгирии таваллуд ва фавт мунтазам нишондиҳандаҳо бо Маркази омори тиббии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Раёсати сабти асноди ҳолати шаҳрвандии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда мешавад.

Дар соли 2016 Агентии омор дар доираи Созишномаи ҳамкории байни Маркази таҳқиқотҳои оморӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва тайёркунии касбии кормандон барои кишварҳои Исломӣ (SESRIC) семинарӣ омӯзишӣ барои гузаронидани таҳқиқоти истеъмоли тамоку дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор намуд. Таҳқиқоти истеъмоли тамоку дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин маротиба гузаронида мешавад ва ин таҳқиқот бо мақсади ворид намудани саволномаи байналмилалии истеъмоли тамоку ба таҳқиқотҳои миллии кишвар барои гирифтани маълумотҳои муқоисашаванда дар сатҳи байналмилалӣ бо роҳи гузаронидани пурсиши аҳолии калонсол оиди истеъмоли тамоку ҷиҳати ба роҳ мондани назорат дар самти истеъмоли тамоку дар кишвар ба роҳ монда шудааст.

Дар доираи таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо дар моҳи июли соли 2016 корҳои саҳроии таҳқиқоти «Истеъмоли тамоку» бо пурсиши 3000 пурсидашавандаҳо синни аз 15 сола калонтар ба анҷом расонида шуд. Дар моҳи август бошад корҳои ворид намудан ва ташкили махзани маълумотҳои таҳқиқоти истеъмоли тамоку ба анҷом расонида шуд. Айни замон махзани маълумотҳо ба Маркази таълимӣ оид ба таҳқиқоти оморӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварҳои исломӣ (SESRIC) пешниҳод карда шуданд. Аз тарафи мутахассисони раёсат якҷоя бо барномасозон натиҷагирии барориши ҷадвалҳои мутлақ ва нисбӣ ва таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти истеъмоли тамоку дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ҷамъбаст қарор дорад.

Дар доираи лоиҳаи Бонки Ҷаҳонӣ бо иштироки коршиносони байналмиллалӣ моҳи августи соли 2016 ва моҳи ноябри соли 2016 (барои мутахассисиони буҷаи хонаводаи ВМКБ, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ) оид ба такмил додани таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо семинарҳои омузишӣ гузаронида шуд, ки дар он оиди ворид намудани модулҳои нав ба таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо ва такмил додани барномаи коркарди натиҷаҳои таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо баррасӣ шуданд.

Дар моҳи декабри соли 2016 модулҳои иловагӣ оид ба қувваи корӣ, хизматрасонии тандурустӣ дар доираи таҳқиқи буҷети хонаводаҳо дар ВМКБ, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ санҷида мешавад.

Ғайр аз ин, бо дархости Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои идома додани дастгирӣ дар самти такмил додани таҳқиқоти интихобии хонаводаҳо махсусан таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо аз тарафи Бонки Ҷаҳонӣ дар давоми моҳҳои феврал-сентябр 4 видеоконференсияҳо оиди дастгирии такмилдиҳии таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо ва харитакунонии натиҷаҳои

таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо то сатҳи ноҳияҳо гузаронида шуд. Аз рӯи натиҷаи вохӯриҳо харитакунонии натиҷаҳои камбизоатӣ аз рӯи натиҷаи таҳқиқоти сатҳи зиндагии аҳолӣ то сатҳи шаҳру ноҳияҳо ба анҷом расонида шуд, ки бо иштироки намояндагони вазорату идораҳои калидии мамлакат натиҷаҳои он дар идораи Бонки Ҷаҳонӣ муаррифӣ карда шуд.

Аз рӯи маълумотҳои ҷамъоваригардида қисматҳои маҷмӯаи омории «Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ» пур карда шуда пешниҳод карда шуданд. Дар доираи Лоиҳаи муштараки Ташкилоти озуқа ва кишоварзии СММ ва Агентии омор дар моҳҳои июл-августи соли 2016 барои кормандони таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо семинарҳои омузишӣ оиди интегратсияи модули гуногунии ғизои занон баргузор гардида, таҳқиқоти мазкур гузаронида шуд. Дар ин замина бо 2 ҳазор занҳои синни 15-49 сола пурсиш гузаронида шуд. Таҳқиқоти мазкур айни замон ба анҷом расонида шуд ва махзани маълумотҳо барои таҳлили натиҷаҳо ба коршиносони Ташқилоти озуқа ва кишоварзии СММ (ФАО) пешниҳод карда шуданд.

Моҳи октябри соли 2016 дар Агентии омор ҷиҳати гузаронидани таҳқиқоти яквақтаинаи «Маржаи савдо», ки дар доираи лоиҳаи Комиссияи иқтисодӣ ва иқтимоии мамлакатҳои Осиё ва уқёнуси Ором (ESCAP) гузаронида мешавад, барои мусоҳибон ва роҳбарони гурӯҳҳо семинари омӯзишӣ доир карда шуд.

Таҳқиқоти мазкур дар 1179 субъекҳои интихобшудаи соҳаи савдо гузаронида шуд.

Мувофиқи дархостҳои пешниҳод намудаи мақомоти маҳалии омор ва раёсату шуъбаҳои соҳавии Агентии омор оид ба микдори лозимаи шаклҳои ҳисоботи оморӣ барои соли 2017 -ум 8,4 млн. ададро ташкил намуд, ки аз он Агентии омор 3,2 млн. адад варақаҳои шакли ҳисоботи оморӣ, Сарраёсати омори вилояти Суғд 2,3 млн. ва Сарраёсати омори вилояти Хатлон 2,8 млн. адад варақаҳои шакли ҳисоботи омориро нашр намуда, ба мақомоти маҳаллии омор дастрас намуданд.

Дар давраи ҳисоботӣ тибқи нақшаи корҳои маҷмӯӣ аз ҷониби мақомоти маҳаллии омор 1719 санҷишҳои эътимоднокии маълумотҳои оморӣ гузаронида шудааст, ки дар натиҷа нисбат ба 862 нафар роҳбарони корхонаву муассисаҳо ба маблағи 242,7 ҳазор сомонӣ барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷарима таъин карда шудааст, ки аз ин маблағ ба буҷаи давлат 209,6 ҳазор сомонӣ ворид шуд, ки 86,4 фоизи маблағи умумии ҷаримаи таъинкардашударо ташкил медиҳад

Дар соли 2016 тибқи нақшаи кории тасдиқ кардашудаи Агентӣ барои санҷиш, расонидани ёрии амалӣ ба мақомоти маҳаллии омор ва иштирок намудан дар семинару машваратҳо, омӯхтани таҷрибаи корӣ ба хориҷи дуру наздик 395 нафар (берун аз ҷумҳурӣ 64 нафар) кормандони мақомоти омор, аз он ҷумла аз Дастгоҳи марказӣ 221 нафар ва аз Муассисаи давлатии «Маркази кулли ҳисоббарорӣ» 174 нафар, сафари хизматӣ анҷом додаанд.

Натиҷаи сафарҳои хизматӣ дар ҷаласаҳои Шӯрои методологии Агентӣ мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор дода шудаанд.

Вобаста ба тақвияти корҳои созандагию ободкорӣ ва дар сатҳи баланд таҷлил намудани идҳои умумимиллӣ, истиқбол ва ҷашн гирифтани 25-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини иҷрои «Нақша чорабиниҳо оид ба таҷлили 25 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2015, №36 тасдиқ шудааст, бо Фармоиши Директори Агентӣ аз 16 декабри соли 2015, №33 Нақша чорабиниҳои соҳавӣ таҳия ва тасдиқ карда шудааст.

Агентии омор баҳри сазовор таҷлил намудани ҷашни 25- умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ омода намудани 13 маҷмӯаҳои омории ҷашнӣ аз ҷумла: «Омори солонаи ҷашнӣ», «Тоҷикистон дар рақамҳо», «Саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Пахтакорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Сохтмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Савдо ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Молия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Нақлиёт ва алоқа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Демографияи солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба нақша гирифтааст, ки маҷмӯаҳои омории мазкур дар муҳлатҳои дар Барномаи корҳои оморӣ дар соли 2016 пешбинигардида омода намуда ба ҳамаи истифодабарандагони маълумотҳои оморӣ пешниҳод карда истодааст.

Мусалам ба қайд аст, ки бахшида ба ҷашни 25-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон кормандони Дастгоҳи марказии Агентӣ, Муассисаи давлатии Маркази кулли ҳисобарории Агентӣ, ва мақомоти омори маҳаллӣ 2- нафар бо Хизмати шоиста ва 3- нафар бо Ифтихорномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қадрдонӣ карда шуданд. Инчунин бо фармоиши Директори Агентии омор 52- нафар бо «Ифтихорнома» ва 23 нафар бо «Раҳматнома» - и Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қадрдонӣ карда шуданд.

Бо дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои Миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паёми имсола оид ба баланд бардоштани сатҳи забондонии шаҳрвандони ҷумҳурӣ махсусан қайд намуда буданд, мақомоти омор ҷиҳати баланд бардоштани савияи забондонии кормандон курсҳои омӯзишӣ забонҳои русӣ ва англисиро дар доираи татбиқи Лоиҳаи «Стратегияи миллии рушди омор» ба роҳ монд. Аз моҳи майи соли 2016 то ин ҷониб курсҳои забономӯзӣ аз ҷумла забонҳои русӣ ва англисӣ бо ҷалби устодони пуртаҷриба шуруъ гардидааст. Айни замон кормандони мақомоти омор дар се гурӯҳи забономӯзии забони англисӣ бо иштироки 87 нафар ва ду гурӯҳи забономӯзии забони русӣ бо иштироки 52 - нафар фаро гирифта шудааст, ки ин амал барои таъмини иҷрои босифати дастуру супоришҳои Роҳбари давлат ва ноил гардидан ба Ҳадафҳои Рушди Устувор заминаи мусоид хоҳад гузошт.

Ҳамзамон ҷиҳати тақвият бахшидани донишу малакаи хизматчиёни давлатии «Нақшаи машғулиятҳои дохилиидоравии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2016» таҳия ва бо Фармоиши Директори Агентӣ аз 7 апрели соли 2016, №10 тасдиқ карда шудааст ҳар ҳафта ду маротиба аз ҷониби мутахассисони пуртаҷрибаи мақомот ба мутахассисони ҷавон дарсҳои соҳавӣ гузаронида мешавад.

Инчунин дар дастгоҳи марказӣ курсҳои азнавтайёркунӣ ташкил карда шудаанд, ки ба он мутахассисони ҷавон ҷалб карда шудаанд. Ҳар моҳ як маротиба дар мавзӯъҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ”, Кодекси одоби хизматчии давлатӣ, ротатсияи хизматчиёни давлатӣ ва дигар мавзуъҳои соҳавӣ хонишҳои идоравӣ гузаронида мешаванд.

Лозим ба қайд аст, ки бахшида ба санаҳои таърихии ҷашнҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла: Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рузи Ваҳдатӣ миллӣ, рузи қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, рузи қабули Парчам ва Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рузи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Агентии омор бо иштироки шахсони барҷаста ва маъруфи соҳаҳо мухталифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъомадҳо ва сухбатҳои озоду кушод баргузор карда шуд.

Дар ин давра дар Сарраёсатҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд бо иштироки 5 нафар, дар вилояти Хатлон бо иштироки 6 нафар ва дар шаҳри Душанбе бо иштироки 16 нафар озмуни кушоди ишғоли ҷойҳои

холии мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ гузаронида шуданд, ки дар натиҷаи озмун довталабон ба кор қабул ва ба мансабҳо таъин гардиданд. Инчунин дар давраи сипаришуда дар Сарраёсати омори вилояти Хатлон аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурии хизмати давлатӣ дар ҳайати 23 нафар ва 40 нафар дар Дастгоҳи марказӣ гузаронида шуд.

Айни замон дар сохтори Агентии омор ҳамагӣ 515 нафар хизматчиёни давлатӣ ва дар муассисаи давлатии «Маркази кулли ҳисоббарорӣ»-и Агентӣ 148 нафар корманд фаъолият меҳнатӣ менамоянд. Аз ҷумлаи хизматчиёни давлатӣ 199 нафар ё 38,6 фоизро занон ва 210 нафар ё 40,7 фоизро ҷавонон ташкил медиҳанд. Аз шумораи умумии кормандони соҳа 396 нафар ё 79 фоизи хизматчиёни давлатӣ дорои таҳсилоти олӣ ва 377 нафар ё 75,3 фоизи онҳо бо ихтисоси молиявию иқтисодӣ ва муҳандисиву техникӣ мебошанд.

Ҷиҳати иҷрои супоришҳои Протоколии маҷлисҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи риоя намудани интизоми меҳнат, роҳ надодан ба пушидани либосҳои ғайри низоми хизмати давлатӣ, баргузор намудани ҷамъомадҳо дар дастгоҳи марказӣ ва мақомоти омори маҳаллӣ дастуру амалӣ шуда, ҷиҳати дар амал татбиқ намудани талаботҳои Кодекси одоби хизматчии давлатӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи омори давлатӣ" назорати қатъӣ бурда мешавад.

Лозим ба қайд аст, ки "Барномаи солонаи корҳои оморӣ барои соли 2017" дар асоси талаботи истифодабарандагони иттилооти оморӣ ва мутобиқ намудани омори расмӣ ба стандартҳои байналмилалӣ таҳия гардида бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2016, №510 тасдиқ карда шуд. Ҳамзамон "Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020" Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2016, №511 ба тасвиб расонида шуд.

**Бо мақсади иҷрои Барномаи корҳои оморӣ дар соли 2017, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020" ва дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Агентии омор, Муассисаи давлатии "Маркази кулли ҳисоббарорӣ"-и Агентӣ ва мақомоти маҳаллии омор вазифадор карда мешаванд, ки дар доираи салоҳият ва ваколатҳои ба мақомоти омор гузошташуда масъалаҳои дар боло зикргардидаро мавриди амал қарор дода аз натиҷааш ҳар семоҳа ба Агентии омор ахбороти хаттӣ пешниҳод намоянд.**

Иҷрои супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гарави пешравиҳо буда, дар соли 2017 чунин вазифаҳо гузошта мешаванд:

1. иҷрои ҳатмии барномаи корҳои оморӣ дар соли 2017;
2. иҷрои бандҳои дахлдори нақша-чорабиниҳо оид ба такмили баҳисобгирии оморӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт;
3. беҳтар намудани сифат, шаффофияти ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилооти оморӣ мутобиқи стандартҳои омори байналмилалӣ;
4. иҷрои ҳатмии чорабиниҳои Лоиҳаи “Стратегияи миллии рушди омор” барои соли 2017;
5. якҷоя бо вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати пурзӯр намудани корҳо дар самти ташаккули омори расмӣ дар ҳамаи соҳаҳо тибқи Таснифоти миллии маҳсулот ва хизматрасонӣ ва тафсири дуюми Таснифоти намуди фаъолияти иқтисодӣ;
6. гузаронидани санҷиши маълумотҳои аввалияи корхонаву ташкилотҳо;
7. такмили пешбурди таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо ва таҳияи барномаи нави коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва аз нав интихоби хонаводаҳо;
8. зина ба зина, дар навбати аввал барои таҳқиқоти қувваи корӣ- 2016 ҷорӣ намудани модели умумии бизнес-равандҳои оморӣ тафсири 5,0;
9. ба таври пурра ва зина ба зина ҷорӣ намудани коркарди ҳисоботи оморӣ бо истифода аз барномаҳои электронии махсуси таъминотӣ, вусъат додани корҳои гузариш ба ҳисоботҳои электронии оморӣ;
10. иҷрои чорабиниҳои Стратегияи миллии муқовимат ба коррупсия барои солҳои 2013-2020 ва Нақша - чорабиниҳо оид ба такмили баҳисобгирии оморӣ барои солҳои 2016-2021;
11. мустаҳкам намудани интизоми меҳнат мутобиқи низомномаҳои хизмати давлатӣ ва дохилӣ, такмили дастурамалҳои вазифавӣ;
12. таъмини иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақша чорабиниҳои тасдиқгардида.